**ХУЛОСАИ**

**Шурои диссертатсионии 6D.KOA-079 назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ**

Парвандаи аттестатсионии № ___
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 23.05.2026, № 47

Дар бораи сазовор донистани Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ.

Диссертатсияи Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф дар мавзуи «Сиёсати иттилоотӣ ҳамчун омили самаранокии идоракунӣ (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ ба ҳимоя дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-079 назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 28-уми феврали соли 2026 (Протоколи № 40) қабул гардидааст (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2024, №364 ш/д).

Довталаби дараҷаи илмӣ Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф 5 апрели соли 1996 таваллуд шудааст. Ӯ соли 2018 Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппаро аз рӯи ихтисоси психологияи ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст. Аз сентябри соли 2018 то ба имрӯз ба ҳайси омӯзгори фанни сиёсатшиносӣ дар кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав кор мекунад.

Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф зинаи унвонҷуйиро солҳои 2021-2026 дар кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии ДДБ ба номи Носири Хусрав гузаронидааст.

**Роҳбари илмӣ: Миралиён Қиёмиддин Абдусалимзода,** доктори илмҳои сиёсӣ, профессори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Муҳаммадзода Парвиз Абдураҳмон** - доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи дипломатия ва сиёсати корҳои хориҷии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**2. Нуриддин Парвин Раймалихон** - номзади илмҳои сиёсӣ, и.в дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии Донишгоҳи омузгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ»

**Муассисаи пешбар -** Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи сиёсатшиносӣ, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Муродова Г.Р, эксперт (омодасози лоиҳаи тақриз) доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси сиёсатшиносӣ, дотсент Файзов Р.Х. ва котиби илмии маҷлис номзади илмҳои сиёсӣ, - Яқубзода Ф.Н. имзо гардидааст, қайд менамоянд, ки диссертатсияи Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф дар мавзуи «Сиёсати иттилоотӣ ҳамчун омили самаранокии идоракунӣ (таҷрибаи Тоҷикистон)» таҳқиқоти мукаммал, дорои сохтори ягона, кори мустақилонаи анҷомёфта ва дорои навгонии илмӣ мебошад. Диссертатсияи Сафарзода Ҷ.М. аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз руйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ аст.

Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф оид ба мавзуи диссертатсия 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп намудааст. Инчунин, оид ба масъалаҳои мавзуи диссертатсионӣ 4 мақола дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баромад намудааст, ки маводҳои онҳо чоп гардидаанд. Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд. Интишороти довталаб ба талаботи бандҳои 34-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошанд. Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои

илмии муаллиф инъикос ёфтаанд:

**1. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои такризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

1.Сафарзода Ҷ.М. Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии “сиёсати иттилоотонӣ” ва махсусиятҳои амалигардонии он дар шароити муосир [Матн] / Ҷ.М. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахшиилмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. –№10. (2) – С.303-308. ISSN:2413-5151

2.Сафарзода Ҷ.М. Нақши воситаҳои иттилоотӣ дар сиёсат ва муносибатҳои сиёсӣ [Матн] / Ҷ.М. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. –№4. (2)– С. 291-297. ISSN: 2413-5151

3.Сафарзода Ҷ.М. Идоракунии сиёсӣ дар шароити амалишавии сиёсати иттилоотӣ ва консепсияи “ҳукумати электронӣ” [Матн] / Ҷ.М.Сафарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. –№6. (2) –С.208-288. ISSN: 2413-5151II.

**П. Маърӯзаҳо дар конфронсҳои илмии ҷумхуриявӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ**

4.Сафарзода Ҷ.М. Амнияти иттилооти дар шароити нави дигаргуниҳои ҷомеа // Маводи Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Вазъият ва дурнамои амнияти иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». (шаҳри Бохтар 13-14 июни соли 2025)-Бохтар: Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, 2025-С.134-139.

5. Сафарзода Ҷ.М. Киберҷиноятҳо ҳамчун заминаи амалҳои нави террористи дар шароити муосир // Маводи Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Вазъият ва дурнамои амнияти иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». (шаҳри Бохтар 13-14 июни соли 2025)-Бохтар: Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, 2025-С.249-254.185

6. Сафарзода Ҷ.М. Нақши сиёсати иттилоотии ҶумҳурииТоҷикистон дар системаи сиёсии ҷаҳонӣ // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии дар мавзуи «Мақоми Ҷумҳурии Тоҷикистон дарнизоми сиёсии

олам». (шаҳри Душанбе 1 октябри соли 2025)-Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2025-С.423-438.

7.Сафарзода Ҷ.М. Хусусиятҳои асосии сиёсати иттилоотии давлат дар замони муосир // Маводи Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Нақши инноватсия дар рақамикунонӣ дар таҳкими идоракунии давлатӣ: назария, амалӣ ва дурнамои рушд». (шаҳри Душанбе 14 октябри соли 2025)-Душанбе: Академияи идоракунии давлатии назди ПрезидентиҶумҳурии Тоҷикистон, 2025-С.297-306

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои муқарризони зерин ворид шудаанд:**

**Саидов Ҳ.** – доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи ДСРТ. Тақриз мусбат аст ва чунин эродҳо дорад:

1. Дар баъзе қисматҳои автореферат тавсияҳои амалии муаллиф ҷиҳати такмили механизмҳои татбиқи сиёсати иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври умумӣ пешниҳод гардида, мушаххас намудани баъзе роҳҳои амалии татбиқи онҳо мақсаднок мебуд.
2. Дар матни автореферат хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ низ мушоҳида мешаванд.

**Ашурзода Ҷ.Х.** – номзади илмҳои сиёсӣ, ҳуқуқшиносӣ Колеҷи тиббӣ-инноватсионии шаҳри Бохтар ҶСК “Саодат”. Тақриз мусбат аст ва эрод надорад.

**Абдуев Х.Н.** – номзади илмҳои сиёсӣ, омӯзгори калони кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. Тақриз мусбат аст ва эрод надорад.

**Арбобзода Б.** – номзади илмҳои фалсафа, и.в. мудири кафедраи сиёсатшиносӣ ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Данғара. Тақриз мусбат аст, чунин эрод дорад.

1. Дар автореферат таҳлили муқоисавии таҷрибаи давлатҳои пешрафта дар самти сиёсати иттилоотӣ ва истифодаи он дар идоракунии давлатӣ ба таври маҳдуд пешниҳод гардидааст. Ба андешаи мо, истифодаи бештари таҷрибаи байналмилалӣ арзиши илмии таҳқиқотро боз ҳам тақвият мебахшид.
2. Дар баъзе қисматҳои автореферат масъалаҳои вобаста ба амнияти иттилоотӣ ва таҳдидҳои рақамӣ бештар хусусияти тавсифӣ гирифта,

пешниҳодҳои мушаххаси амалии муаллиф оид ба механизмҳои муқовимат ва такмили сиёсати иттилоотӣ нокифоя ба назар мерасанд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, таҳти №295 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризон ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо дар мавзуи таҳқиқшуда, аз ҷумла дар бораи ҷомеаи иттилоотӣ, ҷанбаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсиву фарҳангии он мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои онҳо, омилҳои ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон, ниҳодҳои ҷомеаи иттилоотӣ ва нақши онҳо дар ҳалли масъалаҳои гуногуни ҷамъиятӣ, муқовимат бо коррупсия, терроризм, ифротгароӣ, нашъамандӣ, ҳамкориҳои онҳо бо мақомотҳои давлатӣ, таҳкими арзишҳои демократ, дарки ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва иштироки фаъолонаи онҳо дар равандҳои сиёсию иҷтимоӣ сатҳи таҳкими дастгирии байналхалқӣ, ҷалби бештари шарикони байналмилалӣ, истифодаи таҷрибаи байналмилалӣ ва захираҳои фароҳамшуда, таҳкими плюрализми сиёсӣ ва ҳалли онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои илмӣ-таҳқиқотиро анҷом додаанд ва мутахассисони шинохтаи соҳаҳои илми худ маҳсуб меёбанд.

Муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар самти омӯзиши масъалаҳои муҳимми ҳаёти сиёсии ҷомеа, равандҳои сиёсии ҷомеа ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар шароити имрӯза, саҳми назаррас дорад. Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ инчунин ба масъалаҳои вазъи имрӯзаи ниҳодҳои ҷомеаи иттилоотӣ, иштироки шаҳрвандон дар маъракаҳои интихоботӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои инсон таҳкими гуногунандеши сиёсӣ ва суботи сиёсӣ аҳаммияти хоса медиҳад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- дар заминаи таҳқиқ, таҳлили консептуалӣ ва назариявӣ-методологӣ хусусиятҳои ташаккули сиёсати иттилоотӣ, моҳият ва роҳҳои амалишавии онҳо дар сиёсат ошкор гардиданд;

- бо истифода аз методҳои коммуникатсионӣ-муқоисавӣ, таърихӣ, психологӣ ва таҳлили мундариҷавӣ таҳқиқ ва таҳлили ниҳодҳои ҷомеаи иттилоотӣ ва хусусиятҳои онҳо дар таҳкими гуногунандешии сиёсӣ анҷом

дода шудааст;

- инчунин зимни таҳқиқот ва таҳлили мавзуи баррасишаванда тамоюлҳову хусусиятҳои асосии сиёсати иттилоотӣ дар давраи тағйирёбии ҷомеа нишон дода шудаанд;

- сиёсати давлатӣ дар заминаи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ барои ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ мусоидат мекунад;

- табиат ва хосиятҳои ташаккули ниҳодҳо ва хусусиятҳои онҳо дар таҳкими плюрализми сиёсӣ дар ҳаёти иҷтимою сиёсии ҷомеаи муосир ҳамаҷониба таҳқиқ ва таҳлил гардидаанд;

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Расидан ба мақсади таҳқиқоти рисолаи диссертатсионӣ анҷоми вазифаҳои зерин муҳим арзёбӣ мегардад:

- таҳлилу таҳқиқи заминаҳои назариявӣ-методологии масъалаи сиёсати иттилоотонӣ;

- таҳқиқи моҳият, хусусият ва эволютсияи назарияҳо оид ба сиёсати иттилоотонӣ;

- баррасии сиёсати иттилоотии давлат ва хусусияти бевоситаи он;

- омӯзиши ҳаматарафаи сиёсати иттилоотонӣ ва воқеияти он дар замони соҳибистиқлолӣ;

- асосноккунии сиёсати иттилоотӣ ва амнияти иттилоотӣ дар шароити нави дигаргуниҳои ҷомеа;

- дида баромадани меъёрҳои татбиқи сиёсати иттилоотонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- омӯзиш ва муайян намудани татбиқи сиёсати иттилоотӣ дар раванди идоракунии ҷомеаи Тоҷикистон;

- баррасии самаранокии идоракунӣ ва амалишавии иттилоотикунонӣ дар замони соҳибистиқлолӣ;

-таҳлилу таҳқиқи муайяннамоии дурнамои сиёсати иттилоотонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баррасии муҳимияти идоракунии он.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Хулосаҳое, ки дар раванди омода кардани диссертатсия ба даст омадаанд, барои пажӯҳиши минбаъдаи масъалаи сиёсати иттилоотонӣ ва рушди соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, баланд бардоштани рушди ҷамъиятӣ, махсусан, ҷиҳати таҳқиқи масъалаҳои мухталифи сиёсати иттилоотонӣ ва таҳияи он дар шароити рушди ҷомеаи иттилоотонӣ метавонанд, ҳамчун манбаи назариявӣ истифода шаванд. Аз ҳама муҳим он аст, ки дар таҳқиқоти мазкур ҷанбаҳои методологии консептуалии сиёсати иттилоотонӣ ва зарурати он барои инкишоф ва ташаккули соҳаҳои мухталифи давлат

баррасӣ гардидааст. Инчунин, хулосаҳои таҳқиқот барои возеҳу равшан намудани хусусиятҳои бевоситаи амалии механизми татбиқи сиёсати иттилоотонии давлат ва идоракунии сиёсӣ мусоидат менамоянд.

**Натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар воқеияти ҷамъиятӣ татбиқи васеи хешро пайдо менамоянд.** Эътимоднокии тадқиқот тавассути ҳаҷми маводи кофӣ, таҳқиқоти дақиқ, маълумоти дурусту саҳеҳ ва натиҷаҳои бадастомада дар ҷараёни таҳқиқот тасдиқ мегарданд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод карда шудаанд. Инчунин, интишороти муаллиф низ дар иртибот бо натиҷаҳои таҳқиқот тасдиқкунандаи эътимоднокии натиҷаҳои илмӣ маҳсуб меёбанд.

Хулосаҳои муаллиф дар заминаи омӯзиши ҷанбаҳои назариявии мавзуъ ва таҳлили равандҳои сиёсии муосир ба даст омада, хулоса шудаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** воқеӣ будани маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, интишороти муаллиф ва гузаронидани таҳқиқи эътимодноки диссертатсионӣ мебошанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсули фаъолияти чандинсолаи илмии муаллиф мебошад. Ҳамаи давраи иҷрои нақшаи кории илмӣ-тадқиқотии пешбинишуда бо иштирок ва пешниҳоди бевоситаи муҳақиқ роҳандозӣ шудаанд. Саҳми мустақилонаи унвонҷӯ дар баррасӣ, таҳлил, хулосагирӣ ва пешниҳоди тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудааст, инъикос меёбад.

Натиҷаҳои таҳқиқот истифодаи амалии хешро дар раванди таълим пайдо намудаанд. Ҳолатҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои нашршудаи муаллиф инъикос ёфтаанд. Қисматҳои алоҳидаи диссертатсия, махсусан, масъалаҳо ва хулосаҳои он аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ маъруза гардидаанд.

Маҷлиси Шурои диссертатсионии 23 майии соли 2026 доир шуда дар бораи сазовор донистани Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз

рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 4 нафар.

Аз 14 нафар ҳузурӣ иштирокчиён, ки дар маҷлиси Шуро ҳозир буданд, овоз доданд: тарафдор – 14, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳи сиёсӣ — Қувватзода С.З.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои сиёсӣ — Сангинов Н.Н.

23.05.2026